
Абдумалик Баҳорӣ
Ҷӯра Ҳошимӣ
Ман
Алифбо
мехонам

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Абдумалик Баҳорӣ
Ҷӯра Ҳошимӣ




ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2018

УДК 891,550+809,155,0
ББК 84тоҷик 7-5+81,2 тоҷик
Б-41

Б-41. **А. Баҳорӣ, Ҷ. Ҳошимӣ.** Ман Алифбо мехонам. Душанбе,
Маориф, 2018, 40 саҳ.

**978-99947-1-551-0**

**© Маориф, 2018**

# А

А АфсАри Алифбост,
А сАрвАри Алифбост.
А ояд Аз ҳАмА пеш,
А бошАд Аз ҳАмА беш.
А-ро, ки нАғз донӣ,
АлбАттА нАғз хонӣ!



# Б

Б ранги хона Бошад,
Беостона Бошад.
Болои Боми Б чист?
Беҳтар БуБин, ки мӯрист!
Берун аз он равад дуд,
Б худ Ба худ шавад Буд.



# В

В ҳарфи дилнаВоз аст,
Вайро ду чашми Воз аст.
Вобастаи саВод аст,
Васфаш басе зиёд аст.
В чун даВо наояд,
«Вой»-ат намебарояд!



# Г

Г ранГи Гардани ғоз,
Гардад Гап аз Г оғоз.
Гар ҳарфи «Г» намебуд,
ГурГу саГе намебуд.
Гов аз чаро намеГашт,
Гуфтан раво намеГашт.



# Ғ

Ғ – дар миён камарбанд,
Ғ медиҳад маро панд:
– Ғайрат кашад ба боғат,
Ғафлат ниҳад ба доғат!
Ғ Ғарқи мағзу чағз аст,
Ғ - ро бидон, ки нағз аст.



# Д

Д – мисли Донишомӯз,
Донояку Дилафрӯз.
Доим, ки Дарс хонД ӯ,
Дар банДи хуД намонД ӯ.
Дидӣ, ки Д куҷо шуД? –
Дар Дил ва ДиДа ҷо шуД!



# Е

Е хаскашак магар нест?
БЕдаста лЕкин аз чист?
Е баски банди корЕст,
Е нЕст, дастиёрЕст.
Е камтар ояд аз пЕш,
Е – байни хЕшу дарвЕш.



# Ё

Ё ҳарфи шохдор аст,
Ё чун бузи диЁр аст.
Ёзонда Ёл боло,
Ё гашта рост бо по,
Ёбад гиЁҳи Ёна,
Ё ин ва Ё ки Ё на?



# Ж

Ж-ро нигар, МаниЖа:
Ж ҳарфи ҳамчу миЖа.
Ж мисли шона ояд,
Жӯлидаро кушояд.
«Жағ-Жағ» бигӯяд аЖдар,
Ж-ро кунад вай азбар.



# З

З ҳарфи бенаЗир аст,
Зебою дилпаЗир аст.
З дар Забон хуш ояд,
Занг аз дилат Зудояд.
З Зарбу Завқу Зӯр аст,
З ҳар Замон Зарур аст.



# И



И ҳарфИ хушнавИс аст,
И Ин қадар нафИс аст!
И-ро дИлИ кушод аст,
ИмконИ И зиёд аст.
И-ро бИдон, кИ шояд,
ИқболИ ту кушояд.

# Ӣ

Ин Ӣ-йи созро бин,
Ӣ-йи дарозро бин:
Ӣ-ро чӢ расму роҳест?
Ӣ-ро ба сар кулоҳест!
Ӣ-ро набар зи хотир:
Ӣ мебиёяд охир!



# Й

Й И-и каҷкулоҳ аст,
Й байни саЙргоҳ аст.
Й пеши гап каЙ ояд?
Й доим аз паЙ ояд!
Й по ниҳад ба аЙвон,
Й сар кашад ба каЙҳон.



# К

К–як Калиди дониш,
К бахшадат Кушоиш.
Кас дар Камоли таКрор
Комил шавад ба ҳар Кор.
К Коғазу Китоб аст,
Кору гапаш савоб аст.



# Қ

Қ ҳарфи ҳақпараст аст,
Қ-ро қалам ба даст аст.
Қ ҳаст лоиқи кор,
Қавлаш – мувофиқи кор.
Қ-ро ҳақиқате ҳаст,
Қадреву қимате ҳаст.



# Л

Л ҳарфи маҳфиЛорост,
Л мисЛи ЛоЛа зебост.
Л – дар Либосу манзиЛ,
Л дар Лаб асту дар Дил.
Л Лутфи ҳар каЛом аст,
Лаб моиЛи саЛом аст.



# М

М ҳарфи гарМу нарМ аст,
М чун ду Л-и пайваст.
Монанди Меҳри Модар
Мо кардаеМаш азбар.
Моро чу ҳарфи дилхоҳ
М ҳаМдаМ асту ҳаМроҳ.

# Н

Н-ро Нигар,чӣ соН аст? –
Н раНги Нардбон аст.
Н дар таН асту НохуН,
Н– дар даруНу беруН.
Н дар Ниҳоди ҳаНг аст,
Н-ро Надонӣ, НаНг аст!



# О

О ранги кулча зебОст,
О гӯшвОри тиллОст.
О мисли мОҳтОб аст,
О ё ки ОфтОб аст?
О ҳарфи ОламОрОст,
О даври Олами мОст!



# П

П ҳарфи дилПисанд аст,
П Пояи баланд аст.
П як дари кушод аст,
Пайроҳаи мурод аст.
П шуд чу ёри одам,
Панҷ аст кори одам!



# Р

Р ҳаРфи РаҳнаваРд аст,
Рӯ сӯйи гаРму саРд аст.
Р даР нидои «уРРо!»
РавшантаР асту буРРо.
Р -Ро бихон батакРоР,
Р худ туРо шавад ёР.



# С

С-ро Садои хоС аст,
С ҳарфи пурСупоС аСт.
С-ро Саломи гарм аСт,
Савту Суруди нарм аСт.
С ҳамСадои дилҳоСт,
Сулҳу Сафои дунёСт.



# Т



Т дар сари Тавон асТ,
Т ҳар Тараф равон асТ.
Т ҳар Тараф, ки рафТасТ,
Таълиму ТарбияТ ҳасТ.
Т ҳамТани ТарозусТ,
ТарТибу Тақсим аз ӯсТ.

# У



У ҳарфи хУшнамУд аст,
У сози ҳар сУрУд аст.
У ҳастУ гуфтУгӯ ҳаст,
УммедУ орзУ ҳаст.
У, вақти бУдУ нобУд,
Умре бУбахшадат сУд.

# Ӯ

Ӯ ҳарфи хушкулоҳест,
Ӯ зеби ҳар нигоҳест.
Ӯ – дар гулӮву дар гӮш,
Ӯ кай шавад фаромӮш?
Ӯ-ро ки рӮйи некӮст,
Ӯ ҳаст дар дили дӮст!



# Ф

Ф ҳарФи корФармост,
Феълаш ба ҳар кӣ Фаҳмост.
Фар-Фар диҳад чу аФсар
Фармон ба як саФ аскар.
Фармони Ф чӣ Фармон?–
Фавран биФаҳму Фаҳмон!



# Х

Х ҳарфи ХушХаёл аст,
Холӣ зи Хатту Хол аст.
Х-ро ду сӯ даҳон аст,
Хандон ба ину он аст.
Х-ро касе писандад,
Х бар руХаш биХандад.



# Ҳ

Ҳ – Ҳарфи Ҳалқабаргӯш,
ҲамроҲи Ҳикмату Ҳуш.
Ҳ дар Ҳисоби Ҳар кор
Ҳар лаҲза аст даркор.
Ҳушат ба Ҳарфи Ҳ неҲ,
Ҳусни хатат шавад беҲ!



# Ч

Ч ҳарфи ҳамЧу Чор аст,
Чун Чӯҷаи Чипор аст.
Ч-ро Чиҳо писанд аст?–
«Чун?»-у « Чаро?»-ю «Чанд?» аст!
Ч-ро Чу хуб донӣ,
Чолоку Чуст хонӣ.



# Ҷ

Ҷ Ч-и думчадор аст,
Ҷ дар илоҶи кор аст.
Ҷ ҳарфи Ҷовидон аст,
Ҷ ҳаст, то Ҷаҳон аст.
Ҷ-ро куҶо макон аст? –
Ҷояш ба пеши Ҷон аст!



# Ш

Ш ҳарфи рӯкуШодест,
Ш як ниШони Шодист.
Ш Шавқи дониШ орад,
Шабҳо ба хониШ орад.
Ш ҳар киро хуШ ояд,
Шояд дилаШ куШояд!



# Ъ

Чун сакта дар бар ояд,
МаЪнии дигар ояд.
«АЪло» шавад «ало»-е,
«ДаЪво» шавад «даво»-е.
МаЪнии сакта бисёр,
ЯЪне ки сакта даркор!



# Э

Э-ро нигар накӯтар,
Э чун пари кабӯтар!
Э-ро даҳони боз аст,
Э-ро забони роз аст.
Э дорад Эҳтиётат,
Эмин кунад ҳаётат.



# Ю

Ю ҳарфи бандубаст аст,
Ю худ камар бубастаст.
Ю баста «Й»-Ю «У»-ро,
Ю баста рӯЮ мӯро.
Ю-ро шиносу хурсанд
Ю - сон ба дӯст пайванд!



# Я

Я ҳарфи раҳсипор аст,
Як даст дар канор аст.
Я гӯЯд: — Эй рафиқон!
Якдил шаведу Якҷон!
Я-ро, ки нағз донед,
ЯкҷоЯ дарс хонед!



| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| А а | Б б | В в | Г г | Ғ ғ | Д д |
| Е е | Ё ё | Ж ж | З з | И и | Й й |
| Ӣ ӣ | К к | Қ қ | Л л | М м | Н н |
| О о | П п | Р р | С с | Т т | У у |
| Ӯ ӯ | Ф ф | Х х | Ҳ ҳ | Ч ч | Ҷ ҷ |
| Ш ш | ъ | Э э | Ю ю | Я я | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Аа | Бб | Вв | Гг | Ғғ | Дд |
| Ее | Ёё | Жж | Зз | Ии | Йй |
| Ӣӣ | Кк | Ққ | Лл | Мм | Нн |
| Оо | Пп | Рр | Сс | Тт | Уу |
| Ӯӯ | Фф | Хх | Ҳҳ | Чч | Ҷҷ |
| Шш | ъ | Ээ | Юю | Яя | |

Абдумалик Баҳорӣ
Ҷӯра Ҳошимӣ

# Ман Алифбо мехонам

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Малика Меликова |
| Мусаҳҳеҳ | Меҳрӣ Саидова |
| Рассом | Ҳусейн Чиллаев |
| Муҳаррири техникӣ | Наҷмиддин Зайниддинов |
| Тарроҳ | Иқбол Сатторов |
| Чопи компютерӣ | Муноҷоти Фаррухзод |

Китобчаи мазкур бо кумаки мардуми Амрико бознашр шудааст, ки он аз тариқи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи китобча маҳсули муаллиф буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

**Китобча ройгон паҳн мегардад.**

Ба чоп 09.08.2018 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 2,5. Адади нашр 5500 нусха. Супориши № 88/2018.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50. Тел.: 222-14-66. E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Полиграф групп» ба табъ расидааст.
ш. Душанбе, к. Ҳувайдуллоев, 113. E-mail: info@polygraph-group.tj

Китобча ройгон паҳн мегардад.

9 789994 715510

МАОРИФ